*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 72 (4655) | ҶУМЪА, 2 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**31- уми майи соли 2023 дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Нахуст қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба 4 лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд.

Аъзои Ҳукумати мамлакат қарорҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот»-ро баррасӣ карданд.

Дар маҷлис «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» ва «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиротy иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» баррасӣ гардиданд.

Баъд аз муҳокима 4 лоиҳаи қонун ва 8 пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуд.

Сипас, дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо «Дар бораи «Барномаи миллии рушди фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», «Дар бораи «Барномаи рушди парвариши павловния дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028», «Дар бораи «Ҷоизаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ», «Дар бораи андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ» ва «Дар бораи ҳисобот оид ба заминҳои мавҷуда, тақсимоти онҳо аз рӯи гурӯҳҳо, намудҳо ва заминистифодабарандагони ҷумҳурӣ то 1 январи соли 2023», муҳокима гардида, аз рӯи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар охири маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Ҳукумати кишвар, роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобаста ба иҷрои дастурҳои қаблии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои дар маҷлиси навбатии Ҳукумат гузошташуда супоришҳои мушаххас доданд.

Ба шахсони масъул, ҳамчунин, оид ба ҷамъоварии беталафи ҳосил, захираи кофии маҳсулоти озуқаворӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишт, ба роҳ мондани кишти такрорӣ, аз ҷумла кишти картошка, омодагӣ ба маъракаи зимистонгузаронӣ, таъмини мунтазами барқу гармӣ, захираи маводи сӯзишворӣ дар ташкилоту муассисаҳои кишвар, дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани таътили тобистонаи хонандагон, таъмиру тармими муассисаҳои таълимӣ ва омодагӣ ба соли хониши солҳои 2023-2024, тайёрии ҷиддӣ ҷиҳати таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дигар тадбирҳои ободонию созандагӣ дастурҳо дода шуд.

**www.president.tj**

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

**Дуюми июни соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Саммити дуюми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо» ба шаҳри Чолпон - Атаи Ҷумҳурии Қирғизистон сафар карданд.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, вазири рушди иқтисод ва савдо ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

**www.president.tj**

## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МАРИУС ВИЗЕР

**Якуми июни соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Федератсияи байналмилалии ҷудо Мариус Визерро ба ҳузур пазируфтанд.**



Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи ҷудои Тоҷикистон ва Федератсияи байналмилалии ҷудо баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат чунин таъкид намуданд: «Мо алоқаманди ҳамкориҳои самарабахш бо Федератсияи байналмилалии ҷудо ҳастем. Ин ҳамкориҳо дар оянда низ идома ёфта, ҷудои тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ба натиҷаҳои баланди варзишӣ ноил хоҳад шуд».

Ҷонибҳо аз сатҳи имрӯзаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Федератсияи байналмилалии ҷудо изҳори қаноатмандӣ карданд.

Таъкид гардид, ки мусобиқаи сатҳи баланди байналмилалии «Гран При Душанбе-2023», ки бори аввал аз тарафи Федератсияи ҷудои Тоҷикистон дар пойтахти кишвар доир мегардад, натиҷаҳои хуб ба бор хоҳад овард.

Дар мусобиқаи сатҳи баланди байналмилалии «Гран При Душанбе-2023», ки дар солгарди 50-уми Федератсияи ҷудои Тоҷикистон баргузор мегардад, 500 варзишгар аз 45 кишвари олам иштирок хоҳанд кард.

Таъкид шуд, ки пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе барои баргузории ин ҳамоиши сатҳи баланди байналмилалии варзишӣ омода буда, аз тарафи Ҳукумати мамлакат барои рушди риштаи гӯштини ҷудо тамоми тадбирҳо андешида мешаванд.

Дар мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар ин бахши варзиш гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**www.president.tj**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус озод намудани Ҳақдод М.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳақдод Маҳмадшариф Маҳмуд бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус ва ҳамзамон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Эстония, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Латвия, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Литва, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Финляндия, намояндаи доимӣ ва ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомоти расмӣ ва мақомоти дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 570**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия озод намудани Раҳматуллозода Эркинхон**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳматуллозода Эркинхон бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия ва ҳамзамон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Нидерландия, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳертсогии Бузурги Люксембург, намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Иттиҳоди Аврупо ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ) озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 571**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея озод намудани Шарифзода Ю.Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шарифзода Юсуф Тоир бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 572**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария озод намудани Ҳомидов Ҷ.Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳомидов Ҷамшед Тағоевич бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария ва ҳамзамон, намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Шуъбаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ дар Женева, намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони байналмилалии сайёҳии Созмони Милали Муттаҳид дар Шоҳигарии Испания озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 573**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон озод намудани Шарифзода Ф.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шарифзода Фаррух Ҳомиддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 574**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Субҳонзода И.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Субҳонзода Икром Субҳон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 575**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус таъин намудани Сафарзода Б. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафарзода Бахтовар Амиралӣ сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 576**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия таъин намудани Ҳусейнзода М. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳусейнзода Музафар Маҳмурод сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 577**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея таъин намудани Киром С. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Киром Салоҳиддин Амриддинзода сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 578**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария таъин намудани Шерализода Ш. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шерализода Шараф Аҳмадҷон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 579**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон таъин намудани Ниятбекзода В. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ниятбекзода Вафо Алибек сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 580**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Саидзода М. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Саидзода Муҳаммадтоир Саид директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2023, № 581**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 31 майи соли 2023, № 226, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳусейнзода М. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳусейнзода Музафар Маҳмурод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 31 майи соли 2023, № 227, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шерализода Ш. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шерализода Шараф Аҳмадҷон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 31 майи соли 2023, № 228, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор» озод намудани Саидзода М. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Муҳаммадтоир Саид бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# АЗ СИЁСАТИ «ДАРҲОИ КУШОДА» ТО ДИПЛОМАТИЯИ ОБУ ИТТИЛООТ

## Мусоҳиба бо ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор Абдухалил Ғафурзода



**- Дар бобати ташаббусҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт, солҳои 2005 - 2015», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028», соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» муқаррар намудани санаи 21-уми март зиёд гуфтаанду навиштаанд. Вале, дар мавриди он ки ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомаи мантиқии сиёсати «дарҳои кушода» буда, аз «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маншаъ гирифтааст, мардум маълумоти нисбатан кам дорад...**

– Қабл аз ҳама боиси зикр аст, ки ташаббусҳои Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масоили об таконбахши болоравии нуфузу ҷойгоҳи давлати мо дар ақсои олам ба ҳисоб меравад ва бояд ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аз манзалату маҳбубияти бениҳоят баланди ин Абармард дар дохил ва хориҷи кишвар ифтихорманд бошад.

Дар мавриди саволи пешниҳодшуда бо шумо ҳамфикр ҳастем. Воқеан, дар банди 3.4 - и «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки «Дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об» ном дорад, ин масъала возеҳ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, зикр шудааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳандозии густурдаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об, ҳадафи бозидани нақши фаъол дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи ҷаҳониро пайгирӣ мекунад».

Мо шоҳид ҳастем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи ин дипломатия ва ташаббусҳои созандаи марбут ба об, ки мавриди истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифта, амалӣ намудани силсилаикдомро дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, қабл аз ҳама, Созмони Милали Муттаҳид пешбинӣ шудаанд, дар меҳвари фаъолияти худ қарор додаанд.

Ҳадаф аз ин ибтикороти дурандешонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкиди зарурати ҳамкории созанда барои ҳалли масъалаҳои марбут ба об ҷиҳати бақои ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст. Яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини нақши созандаи кишвар дар масъалаҳои марбут ба об дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ба манфиатҳои миллӣ ва эҳтиёҷоти ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор аст.

**- Дар консепсияи зикршуда муқаррар гаштааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ, барои истифодаи сарватҳои табиии худ, аз ҷумла захираҳои обии қаламраваш, ҷиҳати рушди устувори кишвар ва таъмини зиндагии шоистаи мардум ҳуқуқи комил дорад». Ин нуктаро шарҳу тавзеҳ медодед.**

– Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ҳуқуқро дар мавриди истифодаи захираҳои обӣ, бо назардошти манфиатҳои муштараки минтақавӣ ва бар пояи принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда, амалӣ менамояд ва чун кишвари болооб ва манбаи асосии ташаккули захираҳои обии Осиёи Марказӣ, ҳеҷ гоҳ барои таъмини минтақа бо об монеа эҷод намекунад. Бо назардошти ин мавқеи усулӣ, яке аз вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудан ба таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ва саъю талош ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда дар рӯҳияи ҳамкориву мушорикати баробарнафъи минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад. Хоса, дар шароите ки бинобар афзоиши аҳолӣ, тавсеаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти муҳити зист, масъалаи норасоии оби тоза, баҳрабардорӣ аз рӯдҳои хурду бузурги фаромарзӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба об ба омилҳои таъсиргузор ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Аз ин рӯ, дар доираи масъалаи зикргардида масъалаи об, истифодабарӣ ва тақсимоти он моҳияти рӯзафзун касб кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамон тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, чун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи захираҳои он тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад. Бахусус, дар сатҳи минтақавӣ идомаи ҳамкориҳои созанда дар доираи Бунёди байналмилалии наҷоти Арал муҳим арзёбӣ шудааст.

**- Усули «дарҳои кушода», ки давлати мо дар сиёсати хориҷӣ пеш гирифтааст, беназир ва муваффақ эътироф шуда, мавриди пайравӣ қарор дорад. Ба назари шумо сирри ин комёбӣ дар чист?**

– Далели бебаҳс аст, ки саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои муайян кардан ва расидан ба ҳадафҳо, коркарду пешбурди усулҳои самаровар ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ қобили қабул шуда, дар сиёсати хориҷии мамлакат меҳварӣ ва муассир аст. Муҳиму беназир он аст, ки тавсеа ва тақвияти сиёсати хориҷии кишвари мо ба тахайюли коршиносону ба истилоҳ назарияпардозон рабте надошта, маҳсули фаъолияти пурмаҳсул, иродаи қавӣ ва рӯҳияи шикастнопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Аз далелҳои таърихӣ ҳам бармеояд, ки таърихи давлатдории тоҷикон собиқаи тӯлонӣ ва ғании дипломатӣ дорад ва дар бораи сифату хислати сафирон ё ба қавли ниёгонамон - фиристодагон даҳҳо китобу рисолаҳо таълиф шудаанд. Дар осори бузургон сифатҳои умдаи фиристодагон - муаррифгарони роҳбари давлат ва миллату кишвари худ, яъне хирадмандӣ, равшанравонӣ ба маънои ахлоқи нек ва аҳамияти забондонӣ ба таври возеҳ таъкид шудаанд.

Тавре Пешвои миллат дар суханрониашон бахшида ба нахустин таҷлили «Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ» ва ифтитоҳи бинои Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ 29 - уми сентябри соли 2016 иброз доштанд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди сипарӣ гардидани марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ, ки даврони ба эътидол овардани вазъияти дохилӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ буд, дар равобити байналмилалии худ сиёсати «дарҳои кушода»-ро эълон дошт, ки ин хатти сиёсӣ имрӯз низ муваффақона идома дорад. Самараи чунин сиёсатро мо дар робитаҳои хориҷии гуногунҷанбаи кишварамон дар арсаҳои гуногун мебинем».

Сиёсати «дарҳои кушода», ки меҳвари аслии муносибатҳои мо бо ҷаҳони муосир интихоб гардид, дар замони истиқлолияти давлатӣ воқеӣ, дурустӣ ва манфиатнокии худро нишон дод. Ин сиёсат доираи шариконии Тоҷикистонро афзоиш бахшида, барои таъмин намудани иштироки густурдаи кишвар дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар ин раванд ҳимояи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва амниятии Тоҷикистон, ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, эҷоди шароити мусоиди берунӣ, рушди устувори кишвар ва таъмини бехатарии он муҳим дониста шуданд. Маҳз амалӣ гардидани ин усул дар сиёсати хориҷии кишвар барои тавсеа ва таҳкими муносиботи дуҷонибаю бисёрҷониба бо мамлакатҳои олам ва ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ уфуқҳои навро боз намуд.

**- Чун дар оғози суҳбат аз «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иқтибос овардем, бигӯед, ки рисолати ин санади сиёсӣ, ҳадафи таҳияву қабули он чӣ аст?**

– Он принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллии дарозмуддати кишвар муайян шудаанд, танзим менамояд. Зарурати таҳия ва қабули ин консепсия мушаххас намудани ҳадаф, вазифа ва самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишвар ва ташаккули симои нави геополитикӣ дар ҷаҳону минтақа дар даҳаи дуюми асри XXI ба ҳисоб меравад.

Консепсия таҳия ва роҳандозии чунин сиёсати хориҷиро пешбинӣ мекунад, ки он ба мутобиқ намудани рушди кишвар ба равандҳои тавсеаёбандаи ҳамгироӣ, минтақавишавӣ ва ҷаҳонишавӣ мусоидат намуда, имкониятҳои муносиби навро ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи хатарҳову чолишҳои имконпазир ба амнияти миллии он шароит фароҳам меорад.

**- Ҳоло авзои ҷаҳон ноором буда, тасмимгирии дуруст ва пойбандӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамуда шарти муҳим ба ҳисоб меравад. Ба сифати олим ва бо истинод ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегуфтед, ки давлати мо сиёсати хориҷии худро дар асоси кадом принсипҳо амалӣ намуда истодааст?**

– Дар ин раванд ба эътирофи баробарӣ, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ё таҳдид дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷонибдорӣ аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар авлавият дода мешавад.

Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии инсон, иҷрои уҳдадориҳое, ки аз ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд, риояи принсипи волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, орӣ будани муносибатҳои байнидавлатӣ аз идеология, барқарор намудан ва густариш додани робитаҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ва напазируфтани ҳама гуна шаклҳои поймол намудани ҳуқуқ дар амалияи байналмилалӣ идомаи мантиқии ин раванд мебошад.

**- Дар чунин марҳилаи ҳассос манфиатҳои миллии мо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ аз чӣ иборат буда метавонад?**

– Дар навбати аввал ҳимоя ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он, эҷоди навори амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар ва инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила.

Сониян, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар.

Ниҳоят, таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ва мусоидат намудан ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар.

**- Дар бораи дипломатияи дуҷониба зиёд мешунавему мехонем, вале шарҳи муфассали он барои ҷомеа дастрас нест...**

– Масъалаи мазкур низ дар «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардидааст. Вобаста ба ин муқаррар шудааст, ки бо назардошти мавқеи Федератсияи Россия дар ҷаҳон ва минтақа, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш ва таҳкими муносибатҳои анъанавии дӯстона ва шарокати стратегӣ бо ин кишвар аҳамияти зиёд дорад.

Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа авлавият эътироф шудааст. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, кишвари мо ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардуми Осиёи Марказӣ мебошад.

Бо назардошти нуфуз ва нақши бузурги Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар сиёсату иқтисоди ҷаҳонӣ давлати мо минбаъд низ саъю кӯшиш мекунад, ки бо ин давлат робитаҳои гуногунҷанбаро дар асоси татбиқи манфиатҳои мутақобилан судманд инкишоф диҳад ва хусусияти шарикии онҳоро нигоҳ дорад.

Густариши ҳамкориҳо бо Украина, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Молдова, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Гурҷистон ва Ҷумҳурии Арманистон яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мо шоҳид ҳастем, ки дар заминаи муносибати самимӣ ва бародаронаи роҳбарони давлатҳо таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди давлати мо бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ба марҳилаи сифатан нав ворид гаштааст. Ин муносибатҳо бо ирода ва талошҳои ҳар ду ҷониб то ба сатҳи шарокати стратегӣ расидаанд ва заминаи мусоидро барои тавсеаи рӯзафзуни ҳамкориҳои гуногунҷанбаи сиёсию амниятӣ, ҳарбию техникӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ фароҳам овардаанд.

Тавре Пешвои миллат борҳо таъкид карданд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳар чӣ зудтар барқарор гардидани сулҳи пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон буда, оромӣ, амният ва суботи сиёсии ин кишвари ҳамҷаворро ҷавобгӯи манфиатҳои миллии худ медонад.

Дар робита ба пешрафти назаррас ва тамоюли афзоиши нуфузи байналмилалии кишварҳои Америкаи Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ баҳрабардорӣ аз ҳамкориҳои самарабахш бо онҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро, ки ба пешрафти бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд, яке аз ҳамкорони муҳими иқтисодии худ мешуморад ва минбаъд низ талош хоҳад кард, ки бо ин иттиҳоди бонуфузи байнидавлатӣ ҳамкориҳои дарозмуддати устуворро дар асоси усули судманди мутақобила густаришу инкишоф медиҳад. Дар баробари ин, густариш ва тақвияти ҳамкориҳои гуногунҷанбаи дуҷониба бо кишварҳои аврупоӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми афзалиятнок дорад.

Бо мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, фановарӣ, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ, таҳкими муносибатҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, Шарқӣ аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии худ мешуморем.

Сатҳи равобит гувоҳи он аст, ки инкишофи ҳамкории мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Туркия дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ҷалби сармоягузории он кишвар ба иқтисодиёти Тоҷикистон, муҳим арзёбӣ мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти нақшу таъсири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин имкониятҳои васеи иқтисодиву фановарии он ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким хоҳад дод.

Таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо назардошти имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва мавқеи геостратегии он, аҳамияти хосса касб кардааст.

Бо истиқбол аз алоқамандии кишварҳои арабии ҳошияи халиҷи Форс ба сармоягузории лоиҳаҳои иқтисодии кишвари мо, ки аҳамияти миллӣ ва минтақавӣ доранд, ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақаи мазкур саъй намудани кишвари мо идомаи мантиқии ин раванд аст.

Далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар заминаи таваҷҷуҳ ба нуфузу эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Мисри Араб дар сиёсати минтақа ва ҷаҳон ба густариши муносибатҳои ҳамкорӣ тамоюли афзоишро касб кардааст. Боиси зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаи Африқоро ба ҳайси самти ояндадори ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногун арзёбӣ карда, дар равобит бо Австралия ва Зеландияи Нав имкониятҳои нави густариши муносибатҳои ҳамкориро пайдо намуда истодааст. Истифодаи ин имкониятҳо яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**- Чун дар бораи дипломатияи дуҷониба маълумот додед, саволе пайдо мешавад, ки дипломатияи бисёрҷониба кадом муносибатҳоро дар назар дорад?**

– Дар шароити густариши босуръати ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмонҳову ниҳодҳои минтақавию байналмилалиро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад.

Дар ин замина муносибот бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Муколамаи ҳамкории Осиё, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ афзалият доранд.

Давлати мо густариши ҳамкории фарогирро бо ҳамёрони худ ҷиҳати таҳкими амнияти милливу давлатӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар мешуморад ва узвияташро дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) посухгӯ ба манфиатҳои миллӣ медонад.

Тавре дар «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр шудааст, «Тоҷикистон ба Барномаи Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) «Ҳамкорӣ баҳри сулҳ» шарик шуда, ҳамкориро бо он созмон ба манфиати нигоҳдории амнияту субот ва ташкили фазои эътимод дар тамоми қаламрави Евразия муҳим мешуморад».

Илова бар ин, «Ба хотири татбиқи афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои бисёрҷонибаро бо шарикони худ дар форматҳои сегона ва чаҳоргона тақвияти бештар мебахшад ва аз ин саҳнаҳои муколамаи созанда ҷиҳати таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва ҷустуҷӯи муштараки воситаҳои самарабахши муқовимат бо таҳдиду хатарҳои муосир ба таври васеъ истифода мекунад».

**- Ба шарофати пешрафти бесобиқаи техника ва фановариҳои иттилоотиву телекоммуникатсионӣ дар даҳаи дуюми асри XXI мафҳуми анъанавии фосилаи фазою вақт ва макону замон куллан тағйир ёфта, дипломатияи иттилоотӣ рӯи кор омад. Дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом ҷанбаҳоро ҳадаф қарор додааст?**

– Ҷавҳари тамаддуни иттилоотиро интишор ва мубодилаи беҳади бесобиқа дар марзи беҳудуди иттилоотӣ, рушди васоити интернетӣ ва густариши алоқаи моҳворaӣ, коркарду пахши ахбору иттилоот ва зуҳуру инкишофи дипломатияи рақамӣ ташкил медиҳанд.

Ба касе пӯшида нест, ки дар ҷаҳони муосир фазои иттилоотӣ ба саҳнаи бархӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии марказҳои қудрати дунёи муосир ва василаи муассири фароҳам овардани афкори омма ва самт додани он ба нафъи доираҳои муайян табдил ёфтааст. Дар вусъати фазои иттилоотии ҷаҳонӣ дар баробари тамоюлҳои мусбати созанда, ки огоҳиро таъмин мекунанд, ҳамчунин, равандҳои манфии хатарзо барои амнияти иттилоотии кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуҳуфтаанд.

Бинобар ин, дипломатияи зикршуда иҷрои як силсила вазифаҳоро мадди назар дорад. Таъмини дарки воқеӣ ва дақиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби доираҳои васеи ҷомеаи ҷаҳонӣ, муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳо ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, пешрафту комёбиҳои фарҳангӣ ва илмии он, ташвиқи фазои мусоиди кишвар барои сармоягузорӣ, ҳамкориҳои самарабахши иқтисодӣ ва рушди сайёҳӣ, мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон аз ҳамон ҷумлаанд.

Илова бар ин, мусоидат ба тавсеаи имкониятҳои воситаҳои ахбори оммаи кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ, ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот ба муқовимати саривақтӣ ва самаранок ба киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Муҳимтар аз ҳама, роҳандозии дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи истифодаи густурдаи имкониятҳои фановариҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ сурат гирифта, давлати мо ҷонибдори таҳияи маҷмӯи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва риояи ҳамаҷонибаи онҳо мебошад.

**Мусоҳиб Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# НАСЛИ НАВ

## Чӣ тавр онҳоро бояд муҳофизат кунем?



**Якуми июн дар Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон аксари волидон, ки нисбат ба ҳаёти фарзандашон беаҳамият нестанд, ин санаро арҷ мегузоранд. Дар матлаби зер доир ба хатарҳои нав ва роҳи эмин мондани кӯдакон аз онҳо мегӯем.**

### ҲОЛАТИ КУНУНИИ КӮДАКОН

Баробари аз дар даромадан, садои «Алла»-хонии ҳамсарам омад ва каме пас аз ошхона овози косашӯӣ ба гӯш расид. Чун дар хона ману ҳамсару писарам зиндагӣ мекунем, фикр кардам, ки нафаре меҳмонӣ омадааст у ба корҳои хона ёрӣ расонида истодааст. Хона даромадам, ки овози ҳамсарам ҳасту худаш нест. Аниқтараш овозашро дар диктофон сабт карда, онро фаъол намудааст, то кӯдак хоб кунад. Ба гуфти ҳамсарам, писарамон аллакай ба «фонограмма» одат кардааст.

Писари мо шашмоҳа аст, аммо бе телефону наворҳои гуногун ҳатто хӯрок намехӯрад.

Чун ин хатои худу одати фарзандамонро ба ҳамсоя гуфтем, хандида гуфт:

- Он дарде, ки шумо доред, мо ҳам дорем.

Ба гуфти ӯ, духтари чорсолааш соате бе телефон наметавонад. Барои ӯ интернети хонагӣ пайваст кардаанд, зеро филмҳои тасвириро аз «YouTube» медидаасту мегабайтҳои волидонаш ҳатто як рӯз талаботашро қонеъ карда наметавонистаанд.

Рӯзе ҳамкурсам, ки дар вақти донишҷӯӣ бисёр рафиқи наздик будем, бо ҳамсару фарзанди 8-солааш меҳмонӣ омад. Наздики се соат нишастем, вале бо кӯдакаш танҳо салому хайрухуш намудам, зеро бо бозиҳои телефон чунон банд буд, ки ҳатто хӯрокашро дуруст нахӯрд.

Баъзан дар «Instagram» «Reels» мегузорам. Чандест, ки як корбар бо номи «Хушрӯи кӯча» «лайк» мемонад, «коммент» менависад ва ба қавле, якум «просмотр»-ро аз ӯ мегирам. Рӯзе пас аз салому ҳолпурсӣ як сураташро равон карда, навишт:

- Ман духтари собиқ ҳамкоратон Музаффар, пагоҳ 12-сола мешавам, агар бо як «сториз» дар «Instagram» ба зодрӯзам табрик кунед, хурсанд мегардам.

### МОРО МЕБОЯД...

Саволе ба миён меояд, ки ҳоло бояд кӯдаконро аз чӣ ва чӣ тавр муҳофизат кунем? Чун ҳоло замони техника аст ва медонем, ки технологияи иттилоотӣ ба насли нав чӣ гуна таъсири бад мерасонад, хуб мешавад онҳоро муҳофизат кунем, зеро муҳит инро тақозо мекунад. Медонем, ки агар ҳолатро дигар накунем, писари мо ҳам дар чорсолагиаш соате бе телефон истода наметавонад ва лозим меояд барои ӯ телефони алоҳида харида, интернети хонагӣ пайваст кунем. Агар аз ҳоло кӯшиши иваз шуданро накунем, эҳтимол писарам дар 8-солагиаш бо айнак гардаду бо одамон ба ҷуз салому хайрухуш дигар суҳбат накунад. Агар аз ҳоло дар фикри ояндааш нашавем, шояд дар 12-солагиаш даҳҳо нафарро илтимос кунад, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба зодрӯзаш табрик кунанд.

Ҳолати дигаре, ки бояд моро ба тадбирандешии бетаъхир водор кунад, бисёр барвақт фаъол шудани фарзандонамон дар шабакаҳои иҷтимоист. Онҳо ба фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ, ки шумораи обуначиҳояшон садҳо ҳазор нафар аст, ҳасад мебаранд, онҳоро идеал интихоб мекунанд.

Дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» чунин муқаррар шудааст: «Ҳар як кӯдак ба озодии сухан ва изҳори ақидаи худ, озодии виҷдон ва инкишофи фаъолнокии ҷамъиятӣ, ба гирифтан ва интишор кардани иттилооти ба синни ӯ мувофиқ, иштироки ихтиёрӣ дар ташкилотҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад».

Оё ин талабот дар шабакаҳои иҷтимоӣ риоя мешавад?

### ШАХСОНИ МАЪРУФ ЧИРО МЕДОНАНД, КИ МО НАМЕДОНЕМ?

Молики ширкати «Apple» Стив Ҷобс гуфта буд, ки ба кӯдаконамон иҷозати истифодаи технологияи муосирро надиҳем. Яке аз сарватмандтарин шахси дунё ва бунёдгузори ширкати «Microsoft» Билл Гейтс дар як мусоҳибааш иброз дошта буд, ки фарзандонаш то 14-солагиашон ҳуқуқи истифодаи технологияро надоранд ва пас аз синни 14 дар як шабонарӯз танҳо 2 соат аз он истифода мебаранду халос. Яке аз асосгузорони шабакаи иҷтимоии «Facebook» Шон Паркер низ ба таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ ишора карда буд.

Зиёда аз даҳ сол мешавад, ки дар ВАО-и мо мутахассисон доир ба зарарҳои телефони мобилӣ ба мардум мегӯянд, вале аксарият, сухани онҳоро сарфи назар мекунанд. Хулоса, агар пеши роҳи ин «раванд»-ро нагирем, шояд телефонҳои мобилӣ меҳру муҳаббати фарзандонро нисбат ба волидайн дур созанд.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

**Ҳар сол якуми июн Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҷлил мегардад. Ин санаро бо қарори Анҷумани Шӯрои Федератсияи байналмилалии демократии занон бори аввал соли 1950 ҷашн гирифта буданд. Ин иқдом моро ҳушдор медиҳад, ки масъули саломатӣ, тарбияи маънавии кӯдакону наврасон, фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбияи онҳо дар мактаб ва оила, инкишофи эҷодиёти онҳо бошем. Онҳоро дӯст дорем ва меҳру муҳаббатро дар вуҷуди поки кӯдакон ҷой дода тавонем.**

# ҲИКМАТУ РАМЗИ ҲИФЗИ КӮДАКОН

Ҳоло дар ҷаҳон бо қабули даҳҳо санади байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи Созмони ҷаҳонии меҳнат оид ба барҳам додани шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон ва ғайра барои ҳифзи ҳаёт ва инкишофи кӯдакон заминаи устувор фароҳам шудааст.

Тибқи маълумоти Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид, дар ҷаҳон беш аз нисфи ноболиғон дар хонаводаҳое ба сар мебаранд, ки дар онҳо хушунати ҷисмонию равонӣ ҷой дорад ва ҳамарӯза аз даҳ кӯдак як нафар озор меёбад. Дар баъзе кишварҳои Осиё ва Африқо кӯдакон бо гуруснагӣ, бесаводӣ, задухӯрдҳои низомӣ ва сироятёбӣ ба бемориҳои вазнин мувоҷеҳанд. Шумораи фавти кӯдакон дар ин кишварҳо нисбат ба мамлакатҳои пешрафта ду баробар зиёд аст .

Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз давлатҳои ҷавон ба ҳисоб рафта, имрӯз 33,9 фоизи сокинони мамлакатамонро кӯдакону наврасони то 15-сола ташкил медиҳанд. Онҳо таҳти ғамхории доимии Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро тибқи Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоист.

Бо мақсади ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, хусусан кӯдакони маъюб, тадбирҳои зиёд андешида шудааст. Яке аз масъалаҳои мубрам ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакону наврасон мебошад. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таҳсилоти давлатӣ кафолат медиҳад. Дар ин замина фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таҳсилот 99 фоизро ташкил медиҳад.

Дар мамлакат риояи меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодии кӯдакон дар мадди назар буда, фароҳам овардани шароит барои таҳсили онҳо аз ҷумлаи самти афзалиятноки сиёсати давлат мебошад. Бо ин масъала хоса будани таваҷҷуҳ ҷанбаҳои зиёди мусбат дорад. Муҳим он аст, ки ба сиёсати иҷтимоии давлат аз лиҳози муносибат ба кӯдакон ва мӯйсафедон баҳо медиҳанд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

# Розҳои Ҳошим Гадо



Ҳар куҷо будам, ба ёди хоки ту будам, дар орзуи бӯят. Ҳар куҷо сафар кардам, дар қалб ёди ту буд.

Эй Ватан! Ба қадрат танҳо дар ғарибӣ расидам. Оби чашмаҳои кӯҳиат, бурсҳои лаби ҷар, тутҳои серҳосил ва хониши бедонаҳоят пеши чашм буд…

***

Ман хостам марҳами дардҳоятон шавам, вале шумо сангборонам кардед.

***

Ҳеҷ чиз дар рӯи олам бетағйир намемонад. Бадиро низ хубӣ иваз намуда, оқибаташ хуб мешавад!

***

Мо аксаран аз заҳри забони хеш ярадор мешавем. Ҳар дам даҳони худро баҳудаю беҳуда боз мекунему бо ҳар касу нокас наҳ задан мегирем.

Баъди «шатта» хӯрдан низ дарс намегирем…

Агар хоҳӣ сарат дар болои баданат бимонад, ба даҳонат лаҷом бизан!

***

Бингар ба замину аз ӯ сабақ бигир. Ӯ ҳамеша хомӯш аст!

***

Тамоми дунёро забт кунию сармояашро ҷамъ орӣ ҳам, ғаму вақтро мағлуб карда наметавонӣ. Ин ду чиз мағлубнашавандаанд.

***

То дасту поят дарди ҷонкоҳи халидани хорро ҳис накунанд, нахоҳӣ донист, ки хор чист.

***

Ҳама мехоҳанд, ки озод бошанд, вале озодӣ чист? Намедонанд, кам касон медонанд, ки озодии мутлақ вуҷуд надорад.

***

Шунидӣ, вонамуд бикун, ки нашунидаӣ.

***

Агар мегӯӣ, чунон бигӯ, ки дигарон аз гуфтаи ту лаззат баранд, на ин ки озор бинанд.

***

Яке кушода гӯяду дигаре махфӣ. Агар гуфтӣ, чунон бигӯяш, ки ба ту ғалаба оварад. Оне, ки мағлубият меораду зарар, маҷӯяш.

Он бигӯй, ки ҳам ба ту, ҳам ба дигарон муваффақият биоварад.

***

Танҳо будан бениҳоят душвор аст, лек аз танҳоӣ бисёр чизҳо гирифтан мумкин.

***

Беҳ он ки кам гӯӣ, зеро дар сергапӣ эҳтимолияти дурӯғ гуфтан зиёд аст.

***

Ниҳол дар лаби ҷӯ буд, вале ӯ хушк шуду касе обаш надод. Ниҳол худ ақл накард, ки хам шуда бо баргҳояш об бинӯшад.

***

Пурсид:- Чаро сархамат мебинам, магар чизеро меҷӯӣ?

Гуфтам: - Худамро мекобам.

- Дар ҷустуҷӯи худӣ ё дигарон?

- Пеш аз он ки дигаронро ёбам, бояд ба худ расам.

***

Барои фардо умед мабанд, ҷадал бинмо, то ба орзуят бирасӣ.

***

Бидон, мо ба ин дунё барои тамошо наомадаем. Моро муборизаву ҷадал дар пеш аст. Натиҷаи он ғалаба хоҳад буд.

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО***

Зикри хайр

# ДИЛБОХТАИ ПЕША ВА МУНАҚҚИДИ АДОЛАТМЕҲВАР



**Агар тавлиди кинои тоҷик ба соли 1929 мувофиқ омада бошад, омӯзиш, тадқиқ ва шинохти он аз солҳои 50-уми асри XX оғоз ёфтааст. То ин муддат баъзе муаллифони рус бо тадқиқи кинои тоҷик машғул буданд, аммо киношиносӣ ҳамчун илм дар Тоҷикистон ҳанӯз мавҷуд набуд. Аз кадрҳои маҳаллӣ нафароне буданд, ки ба театр таваҷҷуҳ доштанд, лекин ба кино эътибор камтар буд.**

Ин масъулияти ҷиддӣ бар дӯши ҷавоне афтод, ки акнун шуъбаи тоҷикии факултети филологияи Университети давлатии Ӯзбекистон ба номи А. Навоии шаҳри Самарқандро хатм карда, ба Тоҷикистон омад. Киношиноси ҷавон Ато Аҳроров солҳои 1960-1961 аввал чун лаборанти калон ва баъд ходими хурди илмии шуъбаи таърихи санъати Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ба кор шурӯъ кард.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти Ато Аҳроров дар боби танқиди кино ҳанӯз аз соли 1959, аз овони таҳсил дар университет, оғоз ёфта, аввалин тақризҳояш дар бораи филмҳои ҳунарии режиссёрҳо Комил Ёрматов «Вақте ки гулҳо мешукуфанд» ва Борис Кимёгаров «Қисмати шоир» (дар ҳамдастӣ бо дӯсти ҳамкурсаш, имрӯз – адиби шинохтаи бачагон Насим Раҷабов) дар матбуоти даврӣ («Ӯзбекистони сурх» ва «Ленин йӯли», Самарқанд) чоп шуда буданд.

Тадриҷан дигар мақолаҳои ӯ бо номи «Экран – оинаи ҳаёт» (рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», соли 1961), «Филмҳои Студияи телевизион» («Тоҷикистони советӣ», соли 1961), «Байрақи оҳангар» («Шарқи Сурх», 1961, № 11), «Чанд сухан дар бораи кинои ҳуҷҷатии тоҷик» («Тоҷикистони советӣ», соли 1962), «Назаре ба асарҳои кино» (маҷаллаи «Садои Шарқ», соли 1966, №11) ва ғайра ба табъ расиданд.

Солҳои 1963 - 1966 Ато Аҳроров дар Москва, дар аспирантураи Институти таърихи санъати Вазорати маданияти ИҶШС таҳсил карда, дар мавзӯи «Кинои тоҷик дар солҳои 1929-1965» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Солҳои 1966- 1995 фаъолияташ чун ходими хурд, ходими калон, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи санъати Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониш пурсамар буд.

Инак, чанд намуна аз навиштаҳои сершумораш дар он солҳо: «Рояли сафед» ва санъати мазҳака» («Комсомоли Тоҷикистон», 1969), «Экран ва қаҳрамони муосир» («Садои Шарқ», 1969, № 10), «Эпос на экране» («Памир», 1972, №6), «Телевизионный эпос: поиски, находки» («Коммунист Таджикистана», 1977), «Диди рассомии таҳиягар» («Маориф ва маданият», 1980), «Навкорони кинои тоҷик», («Садои Шарқ», 1983, №3), «Санъат ҷонфидоӣ мехоҳад» («Комсомоли Тоҷикистон», 1984), «Биниши фарох аз умқи андешаҳост» («Адабиёт ва санъат», 1990), «Бако Садыков: «Я сделал шаг к зрителю…» («Народная газета», 1992) ва амсоли инҳо.

Метавон гуфт, ки ба шарофати қаҳрамони матлаб он холигие, ки дар омӯзиши таърих ва танқиди кинои тоҷик мавҷуд буд, тадриҷан аз байн рафт. Солҳои зиёде, ки Ато Аҳроров роҳбари комиссияи назария ва танқиди Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон буд, ӯ ба фаъолияти комиссия равнақ бахшид. Барои мунаққидони кино ва рӯзноманигорон бо иштироки мунаққидони москвагӣ семинарҳо ташкил мешуданд. Дар матбуот таваҷҷуҳ ба масъалаҳои кинои миллӣ афзуд. Рӯзноманигорон ва адибони шинохта Борис Милявский, Михаил Табачников, Любов Киямова, Тамара Хетагурова, Элина Тарасова, Валерий Смирнов, мутахассисони маҳаллӣ Сайфулло Ҷӯрабоев, Ҳазрат Сабоҳӣ, Саъдуллоҳ Раҳимов, Саноат Азизова, Ӯктам Иброҳимов, Раъно Маҳмудова, Зоҳир Саъдуллоҳ ва дигарон дар бораи кинои миллӣ бештар навиштанд. Дар матбуот таҳлили филмҳои нав, пешниҳодҳои ҷолиб оид ба равнақи кинои тоҷик рӯи кор омаданд.

Солҳои зиёд Ато Аҳроров ровии барномаи телевизионии «Дар олами кино» буда, доир ба паҳлуҳои гуногуни кинои советӣ, ҷумҳуриҳои бародар ва кинои миллии тоҷик силсилаи барномаҳо таҳия мекард. Маҳз мақола ва барномаҳои телевизионии эшон буданд, ки мо - шогирдон бори нахуст дар бораи поягузорони кинои тоҷик Василий Кузин, Комил Ёрматов, Ғуломризо Баҳор, Қутбиддин Олимӣ, Иброҳим Барамиқов, Нарзулло Тиллоев, Маҳмадқул Арабов, Борис Кимёгаров, Тоҳир Собиров ва хизматҳои эшон дар пешрафти кинои тоҷик маълумоти ҷолиб ва дақиқ пайдо намудем.

Устодро метавон муаррифгари кинои тоҷик дар арсаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шуморид. Ба ҳайси узви Шӯрои бадеӣ ва коллегияи сенарияи Киностудияи «Тоҷикфилм», узви раёсат ва раиси комиссияи назария ва танқиди Иттифоқи кинематографистони РСС Тоҷикистон дар конференсия ва симпозиумҳо, кинофестивалҳои умумииттифоқӣ ва минтақавӣ, инчунин дигар чорабиниҳои вобаста ба кино ҷумҳурии моро намояндагӣ намуда, чун донандаи касби хеш бо бурҳони қотеъ ва забони русӣ баромад мекард.

Ёдам ҳаст, ки соли 1990 дар чанд шумораи рӯзномаи «Паёми Душанбе» (7-уми март, 11-уми апрел, 17-уми май ва 13-уми июн), дар бобати он ки нақши Восеъро дар филми нави режиссёр Тоҳир Собиров «Ашк ва шамшер» кӣ бозӣ мекунад, баҳси домандор ба вуқӯъ пайваст. Ҳар кас фикру андешаҳояшро баён карда, мехост, ки актёри дӯстдоштааш - Ҳошим Гадоев ё Мӯсо Исоев нақши ин қаҳрамони халқиро офарад.

Аз номбурда хоҳиш кардам, ки фикру андешаҳояшро доир ба баҳс баён намуда, онро хотима бахшад. Устод маводи чопшударо омӯхта, таҳти унвони «Истеъдод сарвати миллат аст» («Паёми Душанбе» 3-юми августи соли 1990) мақолаи беғаразона навишт ва ба баҳс нуқта гузошт. Аз ҷумла чунин нигошта буд: «Дар замони пуршӯру шари имрӯзаи мо ба баҳсу мунозираҳои бепоён дар атрофи масоили мухталиф ва хурду калони сиёсиву иҷтимоӣ одат накардаем, вале на дар атрофи маданияту ҳунар, санъату маънавиёт. Ҳарчанд хуб медонем ва баъзан ишора ҳам мекунем, ки ноқисиҳои иҷтимоӣ ва тангназариҳои сиёсӣ аз ҷоҳилии маънавӣ бармеояд. Худо накарда, агар аз ҳаёти маънавии мо ё ҳунару ҳунарварӣ ягон баҳс бархезад, ба зудӣ «доварҳое» ёфт мешаванд, ки баҳсро дар ҳолати ҷанинаш пахш мекунанд. Бояд, ки кор баръакс бошад: дар гирди масоили адабиёт, санъат, маънавиёт ҳар чӣ бештар баҳсу мунозира сурат бигирад, ҳар чӣ зудтар роҳи аз банди ҷаҳолат озод шудани мо равшан мегардад.

Барои ман баҳсе, ки дар саҳифаҳои «Паёми Душанбе» (7-уми март, 11-уми апрел, 17-уми май ва 13-уми июни соли 1990) доир ба масъалаи интихоби ҳунарпеша дар нақши асосии Восеъ дар филми бадеии «Ашк ва шамшер» бархостааст, ғайричашмдошт буд. Гумон надоштам, ки зумрае аз тамошобинони мо ба ин масъала ин қадар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо як ҷӯшу хурӯш ва самимият фикру ақидаи худро изҳор медоранд. Дар назари аввал бунёди масъала чандон мураккаб нест, тамошагарон мехоҳанд, ки нақши қаҳрамони миллӣ Восеъро ҳунарпешагони шинохтаи кинои тоҷик Ҳошим Гадоев ё Мусо Исоев бозанд».

Ҳар як ширкати кино дар боби интихоби мавзӯъ ва жанр, ташкили гурӯҳи филмофарӣ, санҷидану даъват кардани коргардону филмбардор, актёру оҳангсоз озод ва мустақил аст. Офаридани филми «Ашк ва шамшер» ( режиссиёр Т. Собиров) ва интихоби актёрҳо дар он низ ба ҳамин асос сурат мегирад.

Дар хулосаи мақола муаллиф ба чунин андешаҳо меояд. «Тахминан 10 - 15 сол муқаддам мо аз набудани қувваҳои фикрӣ дар соҳаи санъат шикоят мекардем. Имрӯз, ки чунин рӯзноманигорон ва чунин мухлисони кино пайдо шудаанд ва онҳо иқтидори фикр кардан доранд, мо бояд онҳоро эҳтиром намоем. Охир ҳам актёру коргардони соҳибистеъдод ва ҳам мухбири соҳибфикр ва умуман ҳар як фарде, ки тафаккури худро дорад, сарвати мост!».

Маҳорат ва таҷрибаи андӯхтаи Ато Аҳроров дар мақола ва китобҳои тадқиқотии пурарзишаш баръало дида мешавад. Асарҳои ӯ, ки то ин дам нашр шуда, қимати баланди илмӣ доранд: «Таджикское кино: 1929-1969» (Душанбе, «Дониш», 1971), «Таджикское кино: 1969-1974» (Душанбе, «Эр-граф» - 2010), бобҳои кинои тоҷик дар асари чорҷилдаи «История советского кино» (Москва, «Искусство», 1969-1978), бобҳои «Кино» дар ду ҷилди нашри энсиклопедии «Таджикская Советская Социалистическая Республика» (Душанбе, «Ирфон», 1974-1984), «Санъати кино» (Душанбе, «Ирфон», 1974), китоби «Таджикский экран» (Душанбе, «Ирфон», 1980), «Кино Таджикистана» (дар ҳамдастӣ бо С. Азизова, Москва, 1982), боби «Кино» дар китоби «Исторический процесс социалистических наций» (Москва, «Мысль», 1987), буклети «Таджикское кино: вчера и сегодня» («Потсдам», 1988), боби кинои тоҷик дар китоби «Кино Советской Центральной Азии» (бо забони фаронсавӣ, Париж, 1991), «Луғати русӣ – тоҷикии истилоҳоти санъат» (Душанбе, 2003) аз ҳамон ҷумлаанд.

Мавсуф бештари вақташро дар бойгониҳои шаҳрҳои Москва ва Душанбе гузаронида, аз пайдо намудани ягон сурати нодир ё маълумоти нав хеле шод мешуд. Дар ин миён фурсат ёфта, шахсан бо саромадони кинои тоҷик Василий Кузин, Комил Ёрматов, Лев Кулешов, Владимир Хабур, Иброҳим Барамиқов, Борис Кимёгаров, София Тӯйбоева, Шамсӣ Ҷӯраев ва дигарон вохӯрда, оид ба тавлиди кинои тоҷик маълумоти ҷолиб ва арзишманд ба даст овард.

Бо амри тақдир Ато Аҳроров соли 1996 ба зодгоҳаш – шаҳри Самарқанд кӯчид. Дар Самарқанди бостонӣ ба қадри фарзандони фарзонааш мерасанд. Ин буд, ки Ато Аҳроров солҳои 1997-2003 ба вазифаи устоди кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии Институти давлатии тиббиёти Самарқанд ва солҳои 2005 - 2012 дотсенти кафедраи илмҳои гуманитарии шуъбаи дар Самарқандбудаи Университети технологияҳои иттилоотии шаҳри Тошкандро бар ухда дошт. Дар ин муддат бо илм низ машғул буд ва мақолаҳояшро доир ба эстетика, киношиносӣ ва маданиятшиносӣ ба табъ расонид.

Бист сол устод аз Тоҷикистон дур, вале ин маънои онро надорад, ки ӯ аз муҳити эҷодӣ дар канор буд. Ҳамин ки шароит даст медод, вай ба шаҳри Душанбе омада, бо навигариҳои кинои миллӣ, фаъолияти эҷодии ходимони кино ошно мегардид. Бо шогирдонаш вохӯрда, аз комёбиҳояшон хеле шод мешуд. Дар ҳамон солҳо ҷавононе, ба мисли Людмила Казакова, Тилло Неккадамов, Ӯктам Иброҳимов ва Равшан Темиров, худро бо кино пайвастанд ва ҳар кадоме дар киношиносӣ ва танқиди кино муваффақ гардида, мақолаву китобҳои шоиста навиштанд. Онҳо дар анҷуману маҳфилҳои ҷашнӣ баромад карда, хешро бо ифтихор шогирдони Ато Аҳроров меҳисобанд.

Соли 2008 Ато Аҳроров масъулияти хеле баланд - раиси жюрии конкурси филмҳои тоҷикиро дар Кинофестивали байналмилалии «Дидор-3» (дар шаҳри Душанбе) ба зимма дошт ва онро беғаразона иҷро намуд.

Метавон гуфт, ки баъд аз кӯчидани устод аз шаҳри Душанбе дар фазои илми киношиносӣ ва танқиди кино холигие ҳис мегардид. Ҳукумати Тоҷикистон хизматҳои шоёни асосгузори илми киношиносӣ дар Тоҷикистон, муҳаққиқи таърихи кинои тоҷик, номзади илмҳои санъатшиносӣ Ато Аҳроровро ба назар гирифта, соли 1991 ӯро бо унвони ифтихории Ходими шоистаи ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ намуд.

**Тилло НЕККАДАМОВ,**
**«Садои мардум»**

**P.S. Ҳамчун шогирд қарзи худ шумурдам, ки мақолаи мазкурро ба ифтихори 85-солагии устод Ато Аҳроров (3-юми августи соли 2023) дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп кунам. Аз ин хусус бо устод 16-уми апрели соли 2023 суҳбати телефонӣ доштам. Мақоларо хонда, хеле кӯтоҳ ва хоксорона иброз доштанд:**

**- Аз ҳад зиёд таъриф кардед. Агар зарур шуморед, чоп кунед…**

**Афсӯс, ки устоди азизи мо ба солгарди зодрӯзашон нарасиданд.**

**Рӯҳашон шоду манзили охираташон обод бошад!**

Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

# КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Ф А Р М О И Ш

**аз 19 январи соли 2023 №23/ф ш. Душанбе**

**Дар бораи Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ЧТ 11-01-2019) «Таркиб, тартиби таҳия, мувофиқасозӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншоот»**

**120.030.030.**

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, № 150 тасдиқ шудааст,

**Ф А Р М О И Ш М Е Д И Ҳ А М:**

1. Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ЧТ 11-01-2019) «Таркиб, тартиби таҳия, мувофиқасозӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншоот» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Аз фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми ноябри соли 2014, №89/ф «Дар бораи меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми январи соли 2015, №410 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, зербанди «а» банди 1 ва замимаи МҚШ ЧТ 11-01-2011 «Таркиб, тартиби таҳия, мувофиқасозӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони бино ва иншоот» хориҷ карда шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Раиси кумита Низом МИРЗОЗОДА**

**Шакли пурраи «Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ЧТ 11-01-2019) «Таркиб, тартиби таҳия, мувофиқасозӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншоот» 120.030.030.» дар сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.tajsohtmon.tj ҷой дода шудааст.**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи бақисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи Р/Б №1232 аз 17 майи соли 2023 ба қайд гирифта шудааст.***

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 415738 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №2 оид ба таэквандо ва камонварӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №2 оид ба таэквандо ва камонварӣ»-и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.06.2023 16:30:00 |
| 2 | 415739 | МД «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №1 оиди гимнастикаи бадеӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои МД «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №1 оид ба гимнастикаи бадеӣ»-и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.06.2023 16:35:00 |
| 3 | 415735 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Барқарорсозии канали дашти Вишхарвак дар деҳоти Ровандӣ ноҳияи Ванҷи ВМКБ Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.06.2023 15:55:00 |
| 4 | 415736 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 16.06.2023 16:05:59 |
| 5 | 415737 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Реагент ва масолеҳи лабораторӣ, доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 83 | 16.06.2023 16:10:59 |
| 6 | 415740 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Гузаронидани чорабинии Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 16.06.2023 17:00:00 |
| 7 | 415741 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дискҳои сахт, хотираи фаврӣ, картриҷҳо, тонерҳо, батареяҳои аккумуляторӣ, қуттии таъминоти барқ, клавиатураҳо, ноқил ва коммутаторҳои шабакавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 16.06.2023 17:20:00 |
| 8 | 415748 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Маҳсулоти канселярӣ ва чопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 66 | 19.06.2023 09:20:55 |
| 9 | 415749 | Муассисаи давлатии коммуналӣ ва чароғонкунию ороишии шаҳри Бохтар | Масолеҳи сохтмонӣ ва лавозимоти барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 19.06.2023 09:35:25 |
| 10 | 415744 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и шаҳри Хуҷанд | Иваз намудани дару тирезаҳои бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и шаҳри Хуҷанд (ҳаҷми дар 15м², ҳаҷми тиреза 175 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.06.2023 12:00:00 |
| 11 | 415757 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н. Шоҳмансур | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва равғанҳои автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 19.06.2023 14:15:00 |
| 12 | 415754 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 19.06.2023 14:40:00 |
| 13 | 415745 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Медалҳо, дипломҳо барои мукофотонидан | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 19.06.2023 14:50:00 |
| 14 | 415742 | Муассисаи давлатии тандурустии «Дармонгоҳи стоматологии вилояти Суғд» | Тест-картридж | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.06.2023 18:22:00 |
| 15 | 415743 | Беморхонаи касалиҳои сирояткунандаи шаҳри Хуҷанд | Анализатори биокимиёвӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.06.2023 18:37:00 |
| 16 | 415751 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 20.06.2023 11:53:06 |
| 17 | 415752 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 20.06.2023 11:54:03 |
| 18 | 415750 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 20.06.2023 11:56:42 |
| 19 | 415747 | Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара | Корҳои сохтмону таъмири гармхона ва толори маҷлисгоҳи филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.06.2023 08:45:00 |
| 20 | 415746 | Литсейи давлатии №2-и назди шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Кӯлоб | Сохтмони утоқ барои посбон, ҳоҷатхона ва таъмири ҷории бинои «Литсейи давлатии №2-и шаҳри Кӯлоб» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.06.2023 07:18:47 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) барои иштирок дар озмунҳои тендерии харид аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи 2 лот, ки аз тарафи шарики рушд «Салиби Сурхи Финландия» аз рӯи лоиҳаи «CBHFA», тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Лоти 1.** Таъмини масолеҳи сохтмонӣ барои кашидани хати оби нӯшокӣ дар минтақаи Рашт;

**Лоти 2.** Сохтмон ва таъмири душхона ва ҳоҷатхонаҳо дар водии Рашт.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони рақами 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо **то 15-уми июни соли 2023, соати 09[00] бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**(ПЕРЕОБЪЯВЛЕНИЕ)**
**ПРОЕКТ «РАННЕГО РАЗВИТИЯ ДЕТЕЙ ДЛЯ НАРАЩИВАНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА В ТАДЖИКИСТАНЕ», ФИНАНСИРУЕМЫЙ ВСЕМИРНЫМ БАНКОМ**
**МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОБЪЯВЛЯЕТ КОНКУРС НА ЗАМЕЩЕНИЕ ПОЗИЦИИ:**
**Специалист по мониторингу и оценке**

Целью задания является выполнении ролей и обязанностей заинтересованных сторон проекта в сборе, анализе и передаче проектных данных и результатов, а также в разработке Национальной системы МиО РРД.

**Квалификационные требования:**

✓ Степень в области экономики, политологии, управления природными ресурсами, бизнес-администрирования, имеющего отношение к мониторингу и оценки, а также управление проектами;

✓ Не менее трех лет соответствующего опыта работы по разработке и внедрению системы мониторинга и оценки проекта в авторитетной международной организации или в проекте, поддерживаемом донорами;

✓ Сертифицированный тренинг по разработке и внедрению системы МиО, проведенный надежным поставщиком тренингов;

✓ Большой опыт в разработке Руководства по МиО, составлении отчетов МиО, разработке планов реализации проектов;

✓ Опыт проведения обучения (и разработки соответствующих материалов, например, руководств, презентаций и т. д.) для различных аудиторий (например, сельского населения, государственных служащих и специалистов, неправительственных организаций);

✓ Опыт в разработке плана обследований является преимуществом;

✓ Требуются навыки работы с компьютером (MS office, MS Word, MS Excel, Power Point, электронная почта, Интернета и т. д.), опыт создания и обслуживания баз данных (на уровне пользователя) будет преимуществом;

✓ Свободное владение письменным и устным таджикским и русским языками; хорошее владение английским языком является преимуществом.

**https://docs.google.com/document/d/1fgzCrrF0ryQpOJTGzLEEDF5QMrxAnkdi/edit?usp=share_link&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true**

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

✓ Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

✓ Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

✓ Копия диплома и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

✓ Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

***Крайний срок подачи документов до 14 июня 2023 г., 15:00 по местному времени.***

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: **jobs.info@ecdp.tj**
Phone: (+992) 37 221-06-91
Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.

На основании проверки резюме отобранные и включенные в короткий список кандидаты будут проинформированы о результатах проверки в течение 10 рабочих дней с момента окончания срока подачи документов. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**ПРОЕКТ ПО «РАННЕМУ РАЗВИТИЮ ДЕТЕЙ ДЛЯ НАРАЩИВАНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В ТАДЖИКИСТАНЕ» ФИНАНСИРУЕМЫЙ ВСЕМИРНЫМ БАНКОМ**
**МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОБЪЯВЛЯЕТ КОНКУРС НА ОТБОР ПО ПОЗИЦИЯМ:**
**Специалиста по связям с общественностью и коммуникациям**

Задача - Специалист по связям с общественностью и коммуникациям (PR-менеджер) будет оказывать помощь Министерству финансов в реализации соответствующего компонента Проекта через ГРП и в освещении всех мероприятий и результатов Проекта в широком спектре средств массовой информации, таких как телевидение, газеты и радио; также будет использовать комплексную коммуникационную и информационно-просветительскую кампанию в социальных сетях для наилучшего охвата целевых аудиторий через сообщения о проектной деятельности на местах. Помощь в проведении общественных слушаний в рамках Проекта по социальным и экологическим вопросам

✓ Высшее образование в области экономики, делового администрирования, права, естественных наук, прикладных наук, инженерно-строительных или математических наук;

✓ Высшее образование в области журналистики, здравоохранения, педагогики, социальных наук, коммуникаций или других смежных областях; степень магистра в области журналистики, изменения поведения, коммуникаций, маркетинга, социальных наук является преимуществом.

✓ Не менее пяти (5) лет профессионального опыта работы в сфере СМИ, связей с общественностью и реализации PR-стратегий в области/секторах здравоохранения и/или образования;

✓ Отличные навыки письма и общения, подтвержденные несколькими статьями, опубликованными кандидатом;

✓ Опыт и знание коммуникационных платформ, таких как социальные сети, печатные СМИ, телевидение и радиоканалы;

✓ Навыки и опыт в подготовке, координации и организации PR-компаний, медиапланировании, налаживании отношений с общественностью, решении критических социальных вопросов, эффективном консультировании общественности, подтвержденные перечнем этих видов деятельности кандидата;

✓ Креативность и навыки межличностного общения будут преимуществом;

✓ Компьютерные навыки (весь пакет Microsoft), умение работать с различными веб-сайтами, а также некоторые знания в области веб-дизайна, фотографии и видеосъемки;

✓ Свободное владение таджикским и русским языками; знание английского языка является преимуществом.

**https://cloud.mail.ru/public/Mjjn/ajYmK6f3T**

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

✓ Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя директора Проекта Маджиди Ю. Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

✓ Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

✓ Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

✓ Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

***Крайний срок подачи документов – 14 июня 2023г.***

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе.
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: **jobs.info@ecdp.tj**
Тел: (37) 221-06-91.
Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.

На основании проверки резюме отобранные и включенные в короткий список кандидаты будут проинформированы о результатах проверки в течение 10 рабочих дней с момента окончания срока подачи документов. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи шаҳрвандии № А 03479694-и гумшуда, ки онро ШМД Навободи ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 12-уми январи соли 2021 ба Ғафуров Эҳсон Самариддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Дарёбод, ҳавлии №66 «А» ба Атохоҷаев Абдулҳодӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Мошини назоратӣ-хазинавии хотираи фискалии №35292443-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Шодиев Хӯҷамурод Зокирович (РЯМ 0430292363, РМА 605412909) эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ №0079797-и гумшуда, ки онро Литсейи ҳарбии ба номи генерал-майор М.Д. Тошмуҳаммадови шаҳри Душанбе соли 2007 ба Ҳасанов Раҳмоналӣ Нуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 77 «А», ҳуҷраи 30 ба Ҳасанов Нуралӣ Усмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Ордери (манзилнома)-и гумшуда, ки онро Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 77 «А», ҳуҷраи 30 ба Ҳасанов Нуралӣ Усмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия соли 2021 ба Давлятова Холида Баҳодуровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи тахассусии намунаи давлатии №0100 (ихтисоси маҳсгар)-и гумшуда, ки онро КВД «Маркази касбомӯзии шаҳри Душанбе» 1-уми марти соли 2019 ба Холова Ҳусния Комилҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №0618615-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №86-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2013 ба Ашуров Афзалшоҳ Очилдиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т - АТУ № 0941581-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15- и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2021 ба Ниязов Бахтовар Дилшодович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК №0175572 таҳти рақами бақайдгирии 009-и гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе соли 2019 ба Давлатов Равшан Абдураҳимович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон соли 2021 ба Абубакрзода Некруз додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б № 0097354-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Роғун таҳти рақами бақайдгирии 0102 ба сокини деҳаи Гули Сурхи Ҷамоати деҳоти Қади Об Холов Шамсулло додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0097355-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Роғун таҳти рақами бақайдгирии 0103 ба сокини деҳаи Гули Сурхи Ҷамоати деҳоти Қади Об Холов Нурулло додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 1992 ба Насруллоев Баҳрулло Ниматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0097356-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Роғун таҳти рақами бақайдгирии 0104 ба сокини деҳаи Гули Сурхи Ҷамоати деҳоти Қади Об Холов Назар додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи НТ №0228143-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 30-юми ноябри соли 2010 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар ба Исматуллоева Давлятбӣ Рахматуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Испечак-1, ҳавлии №10 ба Холов Бозор Ёрмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТУ №0494511-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии (гимназияи) №53-и шаҳри Душанбе соли 2012 ба Ибрагимов Валиҷон Амонуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Бобоев Ҷаҳонгир Тоҷиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АТУ № 289195-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №64-и шаҳри Душанбе соли 1996 ба Иброгимов Шамсиддин Халилҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба Мардонов Аҳмад Одинамаҳмадович (РЯМ 3230065273, РМА 326020170) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Заргар, ҳавлии №77 ба Латипова Гулнисо Буриевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 10-уми марти соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 8-уми кӯчаи Есенин, ҳавлии №41 ба Джураев Низомджон Аледжанович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б № 0340675-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Норак 4-уми апрели соли 2007 ба Азимов Ҳокимшо Тиллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТА № 1439052-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №125-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Қиёмов Беҳрӯз Хайриддинович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Майсарабону» (РЯМ 6010006191, РМА 600013939), ки 29-уми ноябри соли 2020 дар Нозироти андози шаҳри Панҷакент ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Осим» (РМА 030029878), ки соли 2017 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Намояндагии Созмони ғайритиҷоратии Бунёди рушди «Пажӯҳишгоҳи тадқиқотҳои Евросиё» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РМА 010021571), ки таҳти рақами қайди 60 «Г» 16-уми феврали соли 2018 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 2 июни соли 2023, соати 11:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35705 нусха*

**Навбатдорони шумора С. Суннатӣ ва Ш. Атобуллоев**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**